Бо қарори муассис аз «16»
ноябри соли 2020, тахти № 1
«ТАСДИҚ КАРДА
ШУДААСТ»

# О И Н Н О М А И
# ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ
# *«ХОЛИ»*

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди *«ХОЛИ»*, ки дар оянда «Ҷамъият» ном бурда мешавад, дар асоси Қарори Муассис аз «16» ноябри соли 2020, мувофиқи Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» таъсис дода мешавад.

1.2. Муассиси Ҷамъият, ки дар оянда Иштирокчи номида мешавад:

- Саидов Умедҷон Ҷамшедович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дорандаи шиносномаи №А00073216, ки аз тарафи ШКД-и дар ноҳияи Фирдавсӣ аз 15 январи соли 2015 дода шудааст;

1.3. Мувофиқи моддаи 96 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати таъсисии Ҷамъият ин Оинномаи Ҷамъият мебошад. Дар мавриди зиёд шудани иштирокчиёни Ҷамъият ҳуҷҷатҳои таъсисии он Шартномаи таъсисӣ ва Оинннома мегарданд.

1.4. Ҷамъият шахси ҳуқуқӣ буда, дар ихтиёри худ моликият, бо ҳуқуқӣ истифодабарии хоҷагидорӣ молу мулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайри молумулкиро ба даст оварда татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ қабул намояд, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад. Ҷамъият дорои моликияти мустақил, тавозуни (баланси) мустакил, ҳисобҳои бонкӣ аз ҷумла ҳисобҳои арзӣ, мӯҳр, штамп, бланкаҳои фирмавӣ, нишони молӣ мебошад.

1.5. Ҷамъият аз рӯзи бақайдгирии давлатии он ташкилшуда ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти худ аз рӯи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Иштирокчи ва Оинномаи мазкур амал менамояд.

1.6. Номгӯи расмии Ҷамъият:

- ба забони тоҷикӣ -Ҷамъияти дорои масъулияти махдуди **«ХОЛИ»**

- ба забони русӣ - Общество с ограниченной ответственностью **«ТАХТИ ЕВОН»**

**-** ба забони англисӣ – Limited liability company «      »;

Номгӯи мухтасари Ҷамъият:

- ба забони тоҷикӣ - ҶДММ **«ХОЛИ»**;

- ба забони русӣ - ООО “            »;

- ба забони англисӣ – LLC «           »;

1.7.Суроғаи ҳуқуқиии Ҷамъият: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Хуҷанд, кӯчаи К. Мирзоев хонаи 12.

1.8. Рақами ягонаи мушаххас (РЯМ 4010006385)-и Ҷамъият

1.9. Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА 400010415)-и Ҷамъият

## 2. МАҚСАД ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТ

2.1. Ҷамъият бо максади ба даст овардани фоида ташкил карда шудааст.

2.2. Барои ноил гардидан ба мақсади мазкур Ҷамъият фаъолиятҳои зеринро баамал мебарорад:

- K74990 ҳаргуна фаъолияти тиҷоратӣ ки ба дигар категорияҳо дохил карда нашудаанд;
- Хариду фурӯши маҳсулоти сохтумонӣ, саноати ва кишоварзӣ;
- истеҳсоли молҳои ниёзи мардум, хизматрасонии музднок ба аҳолӣ, инчунин метавонад якчанд фаъолиятхоро баамал барорад (аграрӣ-саноатӣ, саноатӣ-савдоӣ, саноатӣ-сохтмонӣ, тиҷоратӣ);
- хариду фурӯши чиптаҳои ҳавопаймоӣ;
- воридот, содирот, харид ва фурӯши молҳои ниёзи мардум;
- банақшагирӣ ва сотмонӣ биноҳои маъмурӣ истиқоматӣ;
- хариду фурӯши масулоти сохтмонӣ;
- ба роҳ мондани фаъолияти сохтмонӣ, аз он ҷумла дар соҳаи корҳои соҳаи ҳайкалтарошӣ;
- таъмири ҷорӣ, корҳои дизайнерӣ, таҳия намудани ҳуҷҷатои лоиҳавӣ-сметавӣ;
- таъмиру азнавсозӣ ва гузаронидани хатти оби нӯшокию корезӣ дар биноҳои истиқоматию маъмурӣ;
- васл кардани обсофкунак (филтр)-у обченкунак (счёчик) дар биноҳои истиқоматию маъмурӣ;
- иҷроиши ҳамагуна корҳои сохтмони махсус;
- истехсол, коркард ва фурӯши сангоҳои қиматбаҳо ва махсулоти онҳо, инчунин истеҳсол, коркард ва фрӯши сангҳои ороишӣ;
- ҷустуҷӯи рақибҳои фаврӣ дар байни иттиҳодияҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо, инчунин, ташкилотҳо ва ширкатҳои давлатҳои хорича барои баркарор намудани алоқаҳои бевосита дар байни онҳо, омӯхтани бозор барои ташаккулёбии шаклҳои нави алоқаҳои иқтисодӣ ва коркарди лоиҳаҳои мувофиқ;
- савдои яклухт ва чаканаи маҳсулотҳои ватанӣ ва хориҷии истеъмоли ва ғайри истеъмолӣ, саноатӣ, сохтмонӣ, заргарӣ, тиббӣ, фармасевтӣ ва дигар молу маҳсулотҳое, ки аз муомилоти граждані гирифта нашудаанд, нафт, газ ва масолеҳи коркарди онҳо аз он ҷумла равғанҳои молидани ва керосин барои ҳавопаймоҳо, тамоку, дигар молҳое, ки талаботи литсензияро доранд, инчунин истеҳсоли ин гуна молҳо;
- аз хорича ва мамолики ИДМ харидан ва ба Ҷумхурии Точикистон ворид намудани маҳсулоти саноатҳои хӯрокворӣ, сабук, электронӣ,

электротехникӣ, атторию косметологӣ, коғазбарорӣ, маснуотӣ сохтмонӣ, метал, чуб, пластмас, махсулоти сузишворӣ ва равғанҳои молидани;

- фаъолияти истеҳсолу коркарди металҳо ва маҳсулот аз онҳо, инчунин хариду фурӯши металҳо, аз он чумла, металҳои ранга ва алюминий;
- фаъолияти таҷрибавию конструкторӣ ва илмию тадқиқотӣ;
- фаъолияти ахборотию машваратӣ;
- фаъолияти фармасевтӣ, аз ҷумла, воридот, содирот ва истеҳсоли маводҳои доруворӣ;
- ташкили нуқтаҳои савдо оиди фурӯши маводҳои доруворӣ ва техникаҳои тиббӣ;
- таъмири таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ;
- ташкил намудани фаъолияти хусусии тиббӣ ва дармонгоҳҳо;
- банакшагирӣ, сохтмон ва истифодаи иншоотҳои истеҳсолӣ, шабакаҳои энергетикӣ, таҷҳизотҳои барқӣ ва гармӣ, системаҳои таъминоти барқ ва рӯшноии барқӣ, системаҳои назорати ҳавоӣ, сигнализатсияҳои муқобили оташ ва ҳимоякунанда ва таҷҳизотҳои оташхомушкунии иншоотҳои истеҳсолӣ ва кишоварзӣ, биноҳои истиқоматӣ ва чамъиятӣ;
- хизматрасонӣ дар соҳаи истеҳсолот, истеҳсол ва васлнамоии нуқтаҳо, системаҳо ва дастгоҳҳои алоқаи электронӣ, алоқаи радиоӣ ва телефонӣ;
- васлнамоӣ, баистифодадиҳӣ, истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии воситаҳои радиоэлектронӣ ва банақшагирӣ, сохтмон ва истифодабарии нуқтаҳо ва воситаҳои алоқа;
- тадқиқотҳои муҳандисӣ – геодезӣ;
- воридот, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз орд ва ғалла истеҳсолшуда;
- фаъолияти савдоӣ ва миёнаравӣ, ки ба қонунгузорӣ мухолиф нест;
- дастгирӣ намудани шаҳрвандон барои таҳсил дар хориҷа;
- ташкил намудани нуқтаҳои фурӯши чиптаҳои ҳавопаймо, баамалбарории фаъолияти миёнаравӣ оид ба хариду фурӯши амволи манқул ва ғайри манқул, тиҷоратӣ ва маркетингӣ (омӯзиши бозор);
- ба роҳ мондани фаъолияти сохтмонӣ, аз он ҷумла, дар соҳаи сохтмони асосӣ ва корҳои таъмирӣ-сохтмонӣ, васлкунӣ ва лоиҳакашӣ дар ин самт;
- ташкил намудани нуқтаҳои таъмини сузишвории нақлиётӣ ва равғанҳои молиданӣ, гази табиии ва моеъ (НФС, НФГМ ва НФГТ);
- хизматрасонии нақлиётӣ оид ба кашонидани бору бағоч ва кашонидани мусофирон ба воситаи ҳавопаймо, нақлиёти роҳи охан ва автомобилҳо;
- таъсис додани манбаи маълумотҳои иттилоотӣ, бурдани фаъолияти таблиғотӣ;
- ташкил намудани нуқтаҳои фурӯши чиптаҳои ҳавопаймо, баамалбарории фаъолияти миёнаравӣ оид ба хариду фурӯши амволи манқул ва ғайри манқул, тиҷорати ва маркетингӣ (омӯзиши бозор), инчунин, кӯшодани нуқтахои мубодилаи асъор;
- ҳамкорӣ бо ашхоси хориҷӣ ва бо сохторҳои ҳуқуқии онҳо дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ;

- баамал баровардани фаъолияти сайёҳӣ ва ташкили фаъолияти меҳмонхонадорӣ;
- хариду фурӯши маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва саноатӣ;
- воридот ва содироти техникаҳо ва аппаратураҳо;
- ворид намудан ва содироти маҳсулоти мебелӣ ва вориду фурӯши маҳсулоти конселярӣ;
- хизматрасонӣ оиди таҳсилоти илмӣ дар хориҷа ба донишҷӯён ва мактаббачагони таҳсилоти ҳамагонӣ;
- ворид ва фурӯши таҷҳизотҳои барқӣ;
- ташкил намудани кофтукобҳои геологии конҳои канданиҳои фоиданок (нафт, газ, тилло, нуқра, ангишт ва ғайра), инчунин, хариду фурӯши маълумотҳои дақиқи кофтукобҳои геологӣ;
- истихроҷ, коркард ва истифодаи конҳои канданиҳои фоиданок, истеҳсоли маҳсулот аз онҳо инчунин, содироту воридот ва хариду фурӯши маҳсулотҳои аз онҳо таёршаванда;
- истеҳсол ва фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ;
- истеҳсол, воридоту содирот ва хариду фурӯши мебелҳо;
- ба иҷорадиҳӣ, овардан ва фурӯши автомобилҳо ва техникаҳои дигар, қисмҳои эҳтиётии онҳо;
- ташкили хӯроки умум, тарабхонаҳо, қаҳвахона, бар, чойхонаҳои миллӣ бо иҷозати СЭС ва дар шароитҳои ба талаботи санитарӣ ҷавобдиҳанда;
- баамалбарории амалиётҳои воридотию содиротии тиҷоратӣ;
- ташкил ва кӯшодани мағозаҳои савдои яклухт ва чакана;
- дигар намуди фаъолиятҳое, ки хилофи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, аз он ҷумла, фаъолияти иҷозатномавӣ дар сурати мавҷуд будани иҷозатнома.

2.3. Ҷамъият ҷихати амалӣ намудани фаъолияте, ки барои машгул шудан ба он гирифтани иҷозатномаи махсус (литсензия) зарур аст, агар дар қонунҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, танҳо аз лаҳзаи гирифтани чунин иҷозатномаи махсус (литсензия) ҳуқуқи амалӣ намудани чунин фаъолиятро доро мегардад ва бо гузаштани мӯҳлати амали он, катъ мегардад.

2.4. Мутобиқи моддаи 49 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамъият дорои қобилияти амали номаҳдуд мебошад ва ҳамаи он намудҳои фаъолиятеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст ва ба мақсадҳои Оинномавии Ҷамъият мутобиқат менамоянд, баамал бароварда метавонад.

## 3. ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ ХОРИҶӢ

3.1. Ҷамъият дар доираи мақсадҳо ва вазифаҳо мувофиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақ дорад фаъолияти хориҷии иқтисодиро мустақилона баамал барорад.

3.2. Ба ин мақсадҳо Ҷамъият чунин корҳоро анҷом дода метавонад:

- амалиётҳои содироту воридот;

- таъсиси Ҷамъиятҳои муштарак ва аъзогӣ ба ташкилотҳои байналхалқӣ;

- ҳамкории илмию техникӣ ва истеҳсолӣ бо ташкилоту Ҷамъиятҳои хориҷӣ;

- иштирок дар намоишу ярмаркаҳои байналхалқӣ.

3.3. Асъори хориҷие, ки Ҷамъият дар натиҷаи фаъолияти хориҷии иқтисодӣ ба даст овардааст ба фонди асъории Ҷамъият равона карда мешавад ва худаш онро мустақилона истифода мебарад ва онро мусодира кардан мумкин нест.

3.4. Даромади арзии Ҷамъият, баъд аз пардохт намудани андоз ба буҷаи маҳаллӣ аз тарафи Ҷамъият дар мувофиқа бо Иштирокчи мустақилона истифода бурда мешавад ва онро мусодира кардан манъ аст, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунгузории ҷорӣ муайян кардааст.

3.5. Пешбарии фаъолиятеро, ки дар асоси қонунгузории ҷорӣ барои машғул шудан ба он гирифтани иҷозатнома (лицензия) зарур аст, Ҷамъият аз лаҳзаи гирифтани чунин иҷозатнома фаъолияташро оғоз менамояд. Агар дар қонунҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, муҳлати иҷозатнома (литсензия) аз лаҳзаи гирифтани он ё аз муҳлати дар он зикргардида оғоз гардида, бо гузаштани мӯҳлати амали он ва ё дар асосҳои дар қонунгузории чори зикршуда катъ мегардад.

## 4. ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАМЪИЯТ

4.1. Ҷамъият фаъолияти худро дар асоси қарорҳои Иштирокчи пешбинӣ менамояд.

4.2. Ҷамъият дар асоси шартномаҳои тиҷоратӣ ҳуқуқӣ истифодабарии қарзҳои бонкиро доро аст.

4.3. Ҷамъият аз рӯи тартиботи қонунгузор муайянкарда, ҳуқуқ дорад дорои амволи манқул ва ғайриманқул бошад.

4.4. Бо карори Иштирокчӣ Ҷамъият метавонад ба ҳайати иттиҳодияҳо, иттифоқҳо, ассотсиатсияҳои хоҷагидор дохил шавад ва аз онҳо бароядд.

4.5. Ҷамъият система, шакл ва ҳаҷми моҳонаи коргарони худро дар доираи маблағҳои худ, ки дар ихтиери Ҷамъият мемонад, мустақилона муайяан менамояд.

4.6. Ҷамъият бо тартибе, ки бо қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, метавонад дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он филиалҳо ва намояндагиҳоро таъсис кунад, бо қарори Иштирокчӣ.

4.7. Ҷамъият дорои дигар гуна ҳуқуқҳо мебошад, ки бо қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ашхоси ҳуқуқӣ муайян карда шудааст, ба ғайр аз ваколатҳои Иштирокчӣ, ки дар Оинномаи мазкур, муайян карда шудааст.

4.8. Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо моликияте, ки дар баланси мустақили худ дорад, чавобгар мебошад. Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои Иштирокчӣ ҷавобгар намебошад.

4.9. Ҳуҷҷатҳои таъсисии Ҷамъият дар ихтиёри мақоми ичроияи Ҷамъият нигоҳ дошта мешаванд, нусхаи аслии онҳо дар мақоми бакайдгирандаи давлатии Ҷамъият ва дар ихтиёри роҳбари мақоми

иҷроияи Ҷамъият дар маҳалли ҷои воқеияти Ҷамъият нигоҳ дошта мешаванд.

4.10. Ҳамаи маълумотҳое, ки мувофиқи рӯихати Директори Генералии Ҷамъият ҳамчун маълумотҳои махфӣ муайян карда мешаванд, танҳо бо тартиби махсусе, ки қонунгзорӣ муайян менамояд, пешниҳод карда мешаванд.

## 5. САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТ

5.1. Сармояи Оинномавии Ҷамъият аз арзиши ҳиссаҳои Иштирокчии он созмон меёбад.

5.2. Сармояи оинномавии Ҷамъият 3000 (се ҳазор) сомониро ташкил медиҳад, ки муассиси ягонаи Ҷамъият, Саидов Умедҷон Ҷамшедович дорандаи 100 фоиз ҳисса дар сармояи оинномавӣ, баробар ба маблағи 3000 (се ҳазор) сомонӣ ба ҳисоб меравад;

5.3.Сармояи оинномавӣ, андозаи ҳадди ақали амволи Ҷамъиятро муайян мекунад, ки манфиати кредиторони онро кафолат медиҳад.

5.4. Агар баъди анҷоми соли дуюм ва ҳар соли минбаъдаи молиявӣ арзиши активҳои накдии Ҷамъият нисбат ба Сармояи оинномавӣ камтар гардад, Ҷамъият вазифадор аст, ки дар хусуси кам кардани Сармояи оинномавии худ эълон дода, камшавии онро мувофиқи тартиби муқarrаргардида аз қайд гузаронад. Агар арзиши ин активҳои Ҷамъият аз андозаи ҳадди ақали дар қонун муайяншудаи сармояи оинномавӣ камтар шудан гирад, Ҷамъият бояд барҳам дода шавад.

5.5. Кам кардани Сармояи оинномавии Ҷамъият танҳо пас аз огоҳ сохтани тамоми кредиторони он иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат кредиторон ҳуқуқ доранд, ки қатъ ё иҷрои пеш аз мӯҳлати ӯҳдадориҳои дахлдор ва ҷуброни зиенашонро талаб намоянд.

5.6. Зиёд кардани Сармояи оинномавии Ҷамъият пас аз саҳмгузории пурраи Иштирокчии он иҷозат дода мешавад.

## 6. ГУЗАРИШИ ҲИССАИ (ҚИСМИ ҲИСАИ) ИШТИРОКЧИИ ҶАМЪИЯТ БА ИШТИРОКЧИЕНИ ДИГАР ВА ШАХСОНИ СЕЮМ

6.1. Иштирокчии Ҷамъият ҳак дорад ҳиссаи худро е қисми онро аз сармояи оинномавии Ҷамъият ба як иштирокчӣ е якчанд иштирокчии хамин Ҷамъият, ба шахсони сеюм бо тартиби мукарраркардаи оинномаи Ҷамъият фурӯшад ё ба тариқи дигар диҳад.

6.2. Ҳиссаи иштирокчии Ҷамъият мумкин аст то пардохти пурраи он танҳо дар ҳамон кисме, ки аллакай он пардохта шудааст, бегона карда шавад.

6.3. Иштирокчиени Ҷамъият ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳиссаи (қисми ҳиссаи) иштирокчиени Ҷамъиятро бо нархи ба шахси сеюм пешниҳодшуда мутаносибан ба ҳаҷми ҳиссаҳои худ истифода мебаранд, агар дар оинномаи ҷамъият ё созишномаи иштирокчиени Ҷамъият тартиби дигари амали гаштани ин ҳуқуқ пешбинӣ нашуда бошад.

6.4. Гузашти ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи оинномавии Ҷамъият бояд дар шакли оддии хаттӣ сурат гирад, агар оиди дар шакли нотариалӣ содир

намудан он дар оинномаи Ҷамъият талаботе пешбини нашуда бошад. Риоя накардани шакли аҳд оиди гузашти ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи оинномавии Ҷамъият, ки банди мазкур ё оинномаи Ҷамъият муқаррар кардааст, боиси беэътибории он мегардад.

## 7. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ИШТИРОКЧИИ ҶАМЪИЯТ

7.1. Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқ дорад, ки:

- дар идораи корҳои Ҷамъият иштирок намояд;
- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои таъсиси дар бораи фаъолияти Ҷамъият маълумот гирифта, бо дафтарҳои муҳосибавию асноди дигари он шинос шавад;
- дар тақсимоти фоида иштирок намояд;
- дар сурати барҳам хурдани Ҷамъият кисми амволи пас аз хисоббаробаркуни бо кредиторони бокимонда е арзиши онро гирад;

7.2. Иштирокчии Ҷамъият инчунин метавонад, дигар ҳуқуқҳои дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар асноди ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкур пешбинигардидаро дошта бошад.

7.3. Иштирокчии Ҷамъият ухдадор аст, ки:

- мувофики тартиб, андоза, усул ва дар мухлатхои пешбининамудаи хуччатхои таъсиси сахм гузорад;
- маълумоти махфиро дар хусуси фаъолияти Ҷамъият фош накунад.

7.4. Иштирокчии Ҷамъият метавонад ӯҳдадориҳои дигари дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар асноди ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкур пешбинигардидаро дошта бошад.

7.5. Иштирокчии Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадорихои Ҷамъият дар хаҷми арзиши саҳми худ дар фонди Оинномавӣ масъулият дорад.

7.6. Иштирокчии Ҷамъият, сарфи назар аз ҳолат ва хоҳиши макомоти иҷроияи Ҷамъият ҳуқуқи барҳам додани фаъолияти Ҷамъиятро дорад.

7.7. Дар мавриди зиёд гаштани Иштирокчиён, агар яке аз иштирокчиёни Ҷамъият Оинномаи Ҷамъиятро дағалона вайрон карда, бо ҳамин ба манфиати Ҷамъият зиён оварда бошад, мумкин аст бо қарори Маҷлиси умумии иштирокчиени Ҷамъият, ки бо аксарияти овози аз се ду ҳиссаи иштирокчиенаш қабул шудааст, Иштирокчии вайронкор аз Ҷамъият хориҷ карда шавад.

7.8. Нисбати қарори маҷлиси умумӣ дар бораи аз Ҷамъият хориҷ кардани иштирокчӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

7.9. Тартиби ба шахси дигар гузаронидани ҳиссаи Сармояи оинномавии Ҷамъият, рӯёнидани маблағ аз ҳисоби ҳиссаи иштирокчии амволи Ҷамъият ва ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми аз Ҷамъият хориҷ гардидани иштирокчӣ, бо Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

## 8. АЗ ҶАМЪИЯТ БАРОМАДАНИ ИШТИРОКЧИИ ҶАМЪИЯТ

8.1. Иштирокчии Ҷамъият ҳақ дорад ҳар вақт новобаста аз розогии дигар иштирокчиени он ё Ҷамъият аз Ҷамъият барояд.

Дар сурати аз Ҷамъият баромадани иштирокчии Ҷамъият ҳиссаи ӯ аз вақти додани ариза дар бораи баромадан аз Ҷамъият ба Ҷамъият мегузарад. Дар ин маврид Ҷамъият ӯҳдадор аст ба иштирокчии Ҷамъият, ки дар бораи баромадан аз Ҷамъият ариза додааст, арзиши ҳақиқии ҳиссаи ӯро пардохт намояд, ки он дар асоси маълумоти ҳисоботи муҳосибавии Ҷамъият дар давоми як соле, ки ариза дар бораи баромадан аз Ҷамъият дода шудааст, муайян карда мешавад ё бо розигии иштирокчии Ҷамъият ба ӯ амволи чунин арзишдоштаро дар шакли асл ва дар ҳолати пурра пардохт нашудани амонати ӯ дар сармояи оинномавии Ҷамъият арзиши ҳақиқии як қисми ҳиссаи ӯро, ки ба қисми пардохташудаи амонати мутаносиб аст, диҳад.

8.2. Аз Ҷамъият баромадани иштирокчии Ҷамъият ӯро аз ӯҳдадори дар назди Ҷамъият оиди гузоштани амонат ба амволи Ҷамъият, ки то додани аризаи баромадан аз Ҷамъият пайдо шудааст, озод намекунад.

## 9. МОЛИКИЯТ ВА ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

9.1. Манбаъҳои ташкил ёфтани молу мулки Ҷамъият:

- пардохти пулӣ ва моддии Иштирокчӣ;
- даромадҳое, ки аз фаъолияти хоҷагӣ ба даст омадаанд;
- кредити бонкҳо ва дигар маблағгузорӣ;
- пардохтҳои баргардонида ва хайркунанда, хайрҳои ташкилоту Ҷамъиятҳо ва шахсони алоҳида;

9.2. Ба ғайр аз воситаҳои асосие, ки Иштирокчӣ гузаронидааст, Ҷамъият ҳуқуқ дорад, ки дар асосҳои қонунӣ аз дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ воситаҳои асосиро аз худ намояд.

9.3. Аз фоидае, ки дар ихтиери Ҷамъият мондааст, чунин фондҳо ташкил мешаванд:

- фонди ягонаи тараққиёти истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;
- фонди захиравӣ;
- фонди музди кор ва ҳавасмандкунӣ;
- фонди суғуртаи иҷтимоӣ.

9.4. Фарқият байни маблағҳои пулии дохилшаванда аз маҳсулот (хизматрасонӣ) ва маблағҳои хориҷшаванда, ҳамчунин маблағҳои пулии ба он баробаркардашуда, фонди молиявии Ҷамъиятро ташкил медиҳад.

9.5. Ҷамъият дар назди мақомоти давлатӣ мустақилона ҳисобот медиҳад, аз он ҷумла дар супоридани андозҳо, омор ва ғайраҳо.

9.6. Ҷамъият воситаҳои пулии худро дар ҳисобҳои муассисаҳои бонкӣ нигоҳ медорад ва ҳама гуна фаъолиятҳои бонкиро мувофиқи қонунгузорӣ баамал мебарорад.

## 10. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТ

10.1. Мақоми олии идоракунии Ҷамъият Иштирокчии он мебошад.

10.2. Ба салоҳияти истисноӣ Мақоми Олии Ҷамъият, ҳалли чунин масъалаҳо дохил мешаванд:

- муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Ҷамъият ва қабули қарор дар бораи иштирок дар ассотсиатсияҳо ва дигар гуна иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ;

- таъсис додани мақомоти иҷроияи Ҷамъият ва пеш аз муӯлат катъ намудани ваколатҳои он;

- қабул кардани қарор дар бораи азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии Ҷамъият, таъин кардани комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозун (баланс)-и барҳамдиҳӣ;

- тасдиқ намудани Оинномаи Ҷамъия, тағйиру иловаҳо ба онҳо ва андозаи сармояи оинномавии Ҷамъият;

- интихоб ва пеш аз мӯҳлат катъ гардонидани ваколатҳои комиссияи тафтишотии Ҷамъият, таъин кардани тафтиши аудиторӣ, тасдиқи аудитор ва муайян кардани ҳаҷми пардохти хизмати аудитор;

- муайян намудани нақшаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ;

- тасдиқ кардани ҳисоботи солона ва тавозун (баланс)-и муҳосибавии Ҷамъият бо тақсимоти фоидаю зарари он;

- тасдиқи ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти дохилии Ҷамъият (ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият);

- қабули қарор оиди вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қимматноки эмиссиониро паҳн карани Ҷамъият;

10.3. Ҳалли масъалаҳои ба салоҳияти истисноии Мақоми олии Ҷамъият мансубро вай ба мақоми иҷроияи Ҷамъият супурда наметавонад.

10.4. Идоракунии фаъолияти ҷории Ҷамъият аз тарафи Маъмурият баамал бароварда мешавад, ки онро Директори генералии роҳбари менамояд.

10.5. Директори генералӣ аз рӯи ташкили кори Ҷамъият, бадастдарории фоида ва мувофиқи конун будани фаъолият ҷавобгарии шахсиро ба ӯҳда дорад.

10.6. Директори генералии Ҷамъият масъалаҳои зеринро мустақилона ҳал менамояд:

- аз номи Ҷамъият бидуни ваколтанома амал намояд, аз ҷумла аз манфиатҳои он намояндагӣ ва аҳдҳоро амалӣ намояд;

- барои ҳуқуқи намояндагӣ аз номи Ҷамъият ваколатномаи дорои ҳуқуқи бовари медиҳад;

- дар бораи ба кор қабул кардан, ба кори дигар гузаронидан, аз кор хориҷ намудани коргарон фармон мебарорад, инчунин, ҳавасмандгардонӣ ва пешбинӣ кардани ҷавобгарии интизомӣ ба коргарони Ҷамъият;

- муайян кардани шумора ва ҳайати штатии Ҷамъият;

- аз рӯи ваколатҳои худ бо воситаҳои молӣ ва моликияти Ҷамъият ихтиердорӣ намудан;

- имзо кардани шартномаҳо ва аҳдҳо;

10.7. Мувофиқи моддаи 98 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи Фаъолияти молиявии Ҷамъият комиссияи тафтишотӣ назорат мебарад.

10.8. Ҷиҳати тафтиш ва тасдиқи дурустии хисоботи солонаи молиявӣ, Ҷамъият ҳуқуқ дорад ҳар сол аудитори касбии бо Ҷамъият ё иштирокчиёни он манфиати амволӣ надошта (аудитори беруна)-ро ҷалб намояд. Ҳисоботи солонаи молиявӣ, инчунин, метавонад бо талаботи ҳар яке аз иштирокчиёни он тафтиши аудиторӣ карда шавад.

10.9. Комиссияи тафишотии Ҷамъият ҳақ дорад ҳар вақт фаъолияти молиявии Ҷамъиятро тафтиш намояд ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои вобаста ба фаъолияти Ҷамъият дастрасӣ он бошад.

Комиссияи тафтишотии Ҷамъият бо тартиби ҳатми тафтиши ҳисоботи солона ва тавозун (баланс)-ҳои муҳосибавиро то онҳоро тасдиқ кардани Мақоми олии идоракунии Ҷамъият, мегузаронанд. Мақоми олии идоракунии Ҷамъият ҳақ надорад ҳисоботи солона ва тавозунҳои муҳосибавии Ҷамъиятро дар сурати набудани хулосаи комиссияи тафтишотии Ҷамъият тасдиқ кунад.

## 11. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ КОРГАРОНИ ҶАМЪИЯТ

11.1. Кормандони Ҷамъият метавонанд дорои ҳуқуқҳое, ки мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамин Оинномa пешбинӣ шудаанд, дошта бошанд.

11.2. Кормандони Ҷамъият вазифадоранд, ки маълумотҳои махфии Ҷамъиятро фош накунанд.

11.3. Кормандони Ҷамъият метавонанд дигар ӯҳдадориҳое, ки мувофиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамин Оинномa пешбинӣ кардааст, дошта бошанд.

11.4. Кормандони Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои Ҷамъият ҷавобгар шуда наметавонад.

11.5. Кормандони Ҷамъият ҳуқуқ доранд, ҳар вақт аз Ҷамъият озод шаванд.

11.6. Кормандони Ҷамъият мумкин аст бо қарори Директори Генералӣ аз кор озод карда шаванд, агар онҳо Оинномаи Ҷамъиятро вайрон намуда, бо ин ба манфиатҳои Ҷамъият зарар оваранд.

11.7. Аз болои қарори Директори Генералӣ дар бораи аз кор озод намудан, ба суд шикоят намудан мумкин аст.

## 12. НИГОҲДОРИИ ҲУҶҶАТҲОИ ҶАМЪИЯТ

12.1. Ҷамъият ӯҳдадор аст ҳуҷҷатҳои зеринро нигоҳ дорад:

- ҳуҷҷатҳои таъсисии Ҷамъият, инчунин тағйиру иловаҳои ба ҳуҷҷатҳои таъсисии Ҷамъиятворидгардида, ки бо тартиби муқаррарӣ ба қайд гирифта шудаанд;
- протоколи (протоколҳои) маҷлиси Иштирокчиёни Ҷамъият, ки дорои қарор оиди таъсиси Ҷамъият ва тасдиқи арзиши пулии амонатҳои ғайрипулӣ ба сармояи оинномавии Ҷамъият мебошад, инчунин дигар қарорҳои вобаста ба таъсиси Ҷамъият;
- ҳуҷҷатҳое, ки қайди давлатии Ҷамъиятро тасдиқ мекунанд;
- ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи Ҷамъиятро ба амволи дар тавозуни он буда, тасдиқ менамоянд;
- ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият;
- низомнома дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои Ҷамъият;
- ҳуҷҷатҳое, ки бо эмиссияи вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қимматноки эмиссионӣ вобастаанд;
- протоколҳои маҷлисҳои умумии Иштирокчиёни Ҷамъият;

- маҷлисҳои Шӯрои директорони (Шӯрои мушоҳидакорони) Ҷамъият, мақомоти дастаҷамъии иҷроияи Ҷамъият ва комиссияи тафтишотии Ҷамъият;

- руйхати шахсони бонуфузи (аффилири) Ҷамъият;

- хулосаи комиссияи тафтишотии (ревизор) Ҷамъият, аудитор, мақомоти давлати ва маҳалли назорати молиявӣ;

- дигар ҳуҷҷатҳое, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъерии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Ҷамъият, ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият ва қарорҳои маҷлиси умумии Иштирокчиёни Ҷамъият, Шӯрои директорони (Шӯрои мушоҳидакорони) Ҷамъият ва мақомоти иҷроияи Ҷамъият пешбинӣ кардаанд.

12.2. Ҷамъият ҳуҷҷатҳоеро, ки ҳамин модда пешбинӣ кардааст, дар ҷои воқеъшавии мақомоти яккасардории иҷроияи он ё ҷои дигаре, ки ба Иштирокчиёни Ҷамъият маълум ва дастрас аст, нигоҳ медорад.

## 13. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ҶАМЪИЯТ

13.1. Азнавташкилдиҳии Ҷамъият (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо кардан, табдил додан) бо қарори иштирокчии он ё макоме, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дорои чунин ваколат мебошад, баамал баровардa мешавад.

13.2. Барҳамдиҳии Ҷамъият боиси қатъ гардидани он бидуни ба ашхоси дигар ба тариқи ворси ҳуқуқӣ гузаштани ҳуқуқӣю ӯҳдадориҳояш мегардад.

13.3. Ҷамъият фаъолияти худро дар ҳолатҳои зерин барҳам медиҳад:

- пай дар пай вайрон кардани қонунгузории ҷорӣ ва ё Оинномаи мазкур;

- зараровар шудани фаъолияти хоҷагидории Ҷамъият;

13.4. Барҳамдиҳии фаъолияти Ҷамъият бо қарори Иштирокчии он ё суд баамал баровардa мешавад.

13.5. Барҳамдиҳии Ҷамъиятро комиссияи барҳамдиҳӣ баамал мебарорад. Аз вақти таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ҳамаи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои Ҷамъият ба вай мегузарад.

13.6. Ҳамаи воситаҳои пулии Ҷамъият, аз он ҷумла маблағе, ки аз капитализатсияи моликияти вай баъд аз баробар кардани ҳисобҳо бо буҷа, кредиторҳо, коллективи меҳнатӣ боқӣ мемонад ба ихтиери пурраи Иштирокчӣ мегузарад.

## 14. ҚАБУЛ ВА ТАСДИҚИ ОИННОМАИ ҶАМЪИЯТ

14.1. Оинномаи Ҷамъият ва дохил намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномa аз тарафи Иштирокчии Ҷамъият тасдиқ ва баамал баровардa мешавад.

14.2. Ҳаргуна тағйиру иловаҳои ба Оинномa дохилшуда ва дар мақомоти дахлдори ҳуқуқӣ ба қайд гирифта мешаванд.

14.3. Моликият ва амволи Ҷамъият аз рӯи васияти иштирокчӣ ба мерос гузаронида мешавад.